**СУРАТҶАЛАСАИ №1.2.**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

аз 8-уми июли соли 2022

**Иштирок доштанд**: Аз 15 нафар ҳайати Шурои диссертатсионӣ, 13 нафар иштирок доштанд. Аз ҷумла, 3 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм, дотсент оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ кушода шавад.

Пешниҳод якдилона қабул шуд.

РӮЗНОМА:

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзуи «Таҳқиқи технологияи педагогикаи ҳамкории мактабу хонавода дар тарбияи худшиносии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти асосӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда.

**ШУНИДА ШУД:** Гузоришҳои раиси Шурои диссертатсионӣ Мирализода А.М. ва раиси комиссияи экспертӣ Холназаров С. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**БАРОМАД КАРДАНД:** д.и.ф., профессор Қурбонов А.Ш., д.и.п. Юнусова Н.М. ҷиҳати тағйирот ворид сохтан дар номи рисолаи баррасишаванда. Номбурдагон пешниҳод намуданд, ки дар номи мавзуъ калимаи хонавода ба оила ва муассисаи таҳсилоти миёна аз охири мавзуъ ба аввал ба ҷойи калима мактаб оварда шавад.

Сипас профессорон Ҷумъахон Алимӣ, Абдуллоев М.Х., Ибодов М.О. ва Холназаров С. баромад намуда, пешниҳоди болоро дастгирӣ намуданд.

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар асоси гузоришҳои раиси Шурои диссертатсионӣ Мирализода А.М., раиси комиссияи экспертӣ Холназаров С., пешниҳодоти профессор Қурбонов А.Ш., д.и.п. Юнусова Н.М. ва баромадҳои профессорон Ҷумъахон Алимӣ, Абдуллоев М.Х., Ибодов М.О. ва Холназаров С., -

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Дар асоси тавсияи ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002 ва ризоияти унвонҷӯ Ёрматов Алишер Ҷолматович мавзуи рисолаи номзадии номбурда минбаъд чунин **номгузорӣ карда шавад:** «Таҳқиқи

технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ»;

2. Диссертатсияи Ёрматов Алишер Ҷолматович дар мавзуи «Таҳқиқи технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти асосӣ бо оила дар тарбияи худшиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот **барои ҳимоя иҷозат** дода шавад;

3. **Ба сифати муассисаи пешбар** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ба сифати **муқарризони расмӣ: Абдураҳимзода Қудратулло Саид** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва **Ғафурова Дилором Ҷаборовна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии Данғара таъйин карда шаванд;

4. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳамчунин нашр ва паҳн кардани автореферат иҷозат дода шавад.

5. Рӯзи ҳимоя 23 сентябри соли 2022, соати 09:30 муайян карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002
дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессор: Мирализода А.М.

Котиби илмии Шурои
Диссертатсионии 6D.КОА-002,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Рафиев С.А.

08.07.2022

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ